**3.** Очилов Э. Фахрия \\ Алишер Навоий: қомусий луғат. Икки жилдлик. 2-жилд. – Тошкент: “Шарқ”, 2016, 77-бет.

**4.** Bakirovna, K. Z. (2019). The Rhythm of the Literary Impact. *ANGLISTICUM. Journal of the Association-Institute for English Language and American Studies*, *8*(9), 58-67.

**5.** Qobilova, Z. (2024). ALISHER NAVOIY ADABIY MEROSINING OZARBAYJONDA O‘RGANILISHI. *Hamkor konferensiyalar*, *1*(1), 215-219.

**6.** Imomalieva, M. I. (2021, April). THE EVOLUTION OF METAPHORICAL MEANING. In *E-Conference Globe* (pp. 25-26).

**7.** Imomaliyeva, M. (2024). NODIRA MELODIES OF NAVOI. *QO‘QON UNIVERSITETI XABARNOMASI*, *10*, 121-123.

**8.** TURSUNOVA, N. (2025). ALISHER NAVOIY AN’ANALARINING MUQIMIY IJODIDAGI TAKOMILI. *Hamkor konferensiyalar*, *1*(11), 260-263.

**9.** Tursunova, N. (2021). FOLKLORE MOTIVES IN MUKIMIY'S WORK. *CURRENT RESEARCH JOURNAL OF PEDAGOGICS*, *2*(09), 187-191.

**10.** Ikromjonovna, J. S. (2023). THE ROLE OF FOLK TALES AND EPIC MOTIVES IN THE POETRY OF USMAN AZIM. Open Access Repository, 9(4), 545-548

**11.** Ikromjonovna, J. S. (2023). PEYZAJNING IJTIMOIY-PSIXOLOGIK MOTIVNI ANGLATISHDAGI O‘RNI. QO‘QON UNIVERSITETI XABARNOMASI, 1, 97-99.

## МАВҚЕИ АСАРҲОИ САДРИДДИН АЙНӢ ДАР ТАРБИЯИ МАЪНАВИИ ҶАВОНОН

**Мамаҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич,**
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи педагогӣ ва табиию риёзии МДТ
“ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” (Тоҷикистон, Хуҷанд),
mamajonov@mail.rumailto:umavchuda@mail.ru, тел.: 92-982-08-82

**“Ин боғ зи нахли кӯҳан оростаам,**
**В – он нахл ба теғи хома пиростаам.**
**Сайронгаҳе зиёда кардам ба Шумо,**
**Ҳарчанд зи умри худ басе костаам.”**
**(Садриддин Айнӣ)**

Устод Садриддин Айнӣ чӣ дар назм ва чӣ дар наср шӯҳрати тамом дошта, бо ҳамин сабаб асосгузори адабиёти муосири тоҷик А) дар назм. Устод садриддин Айнӣ фаъолияти эҷодии худро бо назм оғоз намудааст ва аз

соли 1892 сар карда аввал бо тахаллуси “Сифлӣ”, “Муҳтоҷӣ”, “Ҷунунӣ” ва баъдар бо (аз соли 1995) бо тахаллуси “Айнӣ” шеър гуфтааст. Шеърҳои аввалини С.Айнӣ дар мавзӯи ишқу муҳаббат суруда шудаанд. Баробари ба воқеъаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии давр майл кардани С.Айнӣ мавзӯъ ва мундариҷаи ашъори шоир низ тағир меёбад ва адиб дармеёбад, ки дар замони ӯ танҳо ба мавзӯи ишқу муҳаббат маҳдуд шудани суханварон басанда нест. Шеър ҳам бояд ба тасвири масъалаҳои мубрами рӯз кор гирфта ба дарди ҷомеа бархӯрад.

Бояд гуфт, ки аввалин шеърҳои иҷтимоии устод Айнӣ ба мавзӯи мактаб ва маориф бахшида шудаанд. Шеърҳои “Маснавӣ дар васфи мактаб”, “Саҳаргоҳон”, “Бомдоди баҳорон”, “Боз мактаб”, “Замзамаи дабистон”, ки солҳои 1909 -1917 эҷод гардидаанд, бо содагӣ, самимият ва хусусиятҳои таълимию тарбиявии худ фарқ мекунанд ва заминаи мустаҳками воқеӣ дошта, таҷассумгарӣ ақидаҳои маърифатпарварҳӣ ва равшангароии шоир мебошад. Дар шеъри “Маснавӣ дар васфи мактаб” С. Айнӣ бо истифода аз забони сода, вазни сабуксанг ва санъатиҳои бадеии такрору тавсиф накши боризи мактабро дар камолоти маънавии инсон ба қалам медиҳад.

Эй монда қадам ба роҳи мактаб,
Олист мақому ҷоҳи мактаб.
Мактаб сабаби ҳаёт бошад,
Мактаб сабаби наҷот бошад.

Шеърҳои ба мактаб ва талабагони мактаб бахшидаи устод Айнӣ чун намунаи назми нави пандуахлоқӣ дорои аҳаммияти зиёди таълимиву тарбиявӣ мебошанд ва ҳоло ҳам саҳифаҳои китобҳои дарсиро оро дода, ба омӯзгорон ва талабагон таъсири эстетикӣ мерасононд. Устод талабагони ҷавонро ба зиндагидарккунӣ ва меҳнати босамару фоиданок даъват карда, дар ин роҳ мавқеи мактабро дар ташаккулиинсони созанда гаштаю баргашта таъкид мекунад ва мактабро басо муносиб ба гулистон ва талабагонро ба чинандагони гул ташбеҳ мекунад ва ба ҳамин зарари танпарварӣ ва бекориву нодониро дар ҳаёти инсон собит месозад:

Саҳаргоҳон гулистони дабистон
Тароватбахш бошад чун гулистон.
Чаро аз ин гулистон гул начинед?
Чаро дар кунҷи бекорӣ нишинед?
Биёед, эй шарикон, дарс хонем,
Ба бекориву нодонӣ намонем.
Ба олам ҳар касе бекор гардад,
Ба чашми аҳли олам хор гардад (2, 44).

Устод Айнӣ дар ҳаёти инсон мавқеи тарбияро басо муҳим арзёбӣ карда, қишршои гуногугни ҷомеаро ба тарбияи бонизом ва фарогири навли наврас ҳидоят менамояд ва умуман тарбияи фаъолонаи атвори ҷавонон асоси методологии ақидаҳои омӯзгории нависанда ба шумор меравaнд.

Дар асарҳои С. Айнӣ инсони меҳнаткаш, инсоне, ки аз хурдӣ дар рӯҳи меҳнатдӯстӣ ва накукорӣ тарбия ёфта, ба падару модар, омӯзгорон ва дигар қишрҳои ҷомеа нафъ мерасонад, васфу ситоиш мешавад. Асоси хушбахтии насли наврас ҳамназарбаландӣ, меҳнатқаринӣ ва саховатпешагӣ мебошанд. Дар фасли "Бачаи боақл"и "Таҳзиб-ус-сибён" омадааст: "Бачаи боақл падару модараш ҳар таом диҳанд, мехӯрад ва ҳар либос диҳанд, мепӯшад. Зиёда талаб намекунанд. Ба чизи касе ҳавасаш намеравад... чашм сер ва назарбаланд мебошад".

Ҳар кас ки назарбаланд бошад,

Фархундаву арҷуманд бошад...

Хоҳӣ, ки шавӣ азиз, эй ҷон,

Бахшою бидеҳ, магиру мастон (2, 17).

Назарбаландӣ, ба маънои қаноатпешагӣ ва саховатмандӣ, яке аз рукнҳои муҳимми ахлоқи ҳамида ба ҳисоб рафта, ба таълиму тарбияи насли наврас иртиботи комил дорад ва устод Айнӣ ин мафҳумро ба мафҳуми булҳавасӣ муқобил гузошта, бо ҳамин дар тарбияи фарзанд эҳтиёткор будани падару модарро таъкид мекунад. Холидаи шашсола (аз "Духтарбача ё ки Холида") фарзанди ягонаи хонадон буд. Ин аст, ки дар хоҳиши ӯ аз тарафи волидайн зуд ва барзиёд ба ҷо оварда мешуд, ба дараҷае ки Холида пойбанди ҳавову ҳавас гардид: "Холида қабат –қабат либосҳо пӯшида, нигину гӯшвораҳоро овехта, худро меорост, духтарони дигарро назараш намегирифт. Чунки ӯ қадру қимати одамонро дар либос медид" (3, 20).

Зебоии дигари инсон дар ҳиммати баланди вай дида шудааст. Ин ҳусни ахлоқ дар ибтидои асри XX нав нест ва он дар ҷамъиятҳои гузашта ҳам нормаи хуби эстетикии инсон шуморида мешуд. С. Айнӣ дар ин мавзӯъ анъанаи хуби гузаштагонро давом дода, онро дар обра-зи эстетикии сарфакор ва ҳимматбаланд, дар ҳикояи «Аҳмадҷон соҳиби ҳиммати баланд» таҷассум кунонидааст. Дар ин ҳикоя образи Собир ном мактаббаччаи мӯҳтоҷ ва Аҳмадҷон ном баччаи боҳиммат ба вуҷуд оварда шудааст: «Собир ном бачча қалами худро дар мактаб банохост шикаст, қалами дигар надошт. Ба Аҳмадҷон шарикаш гуфт: Агар қалами зиёдатӣ дошта бошӣ, ба ман амонат бидеҳ, ки хат нависам. Аҳмадҷон хурсанд шуда, қаламдони худро вокарда панҷ дона қалам бароварда гуфт: Аз инҳо кадомаш, ки даркор бошад,

медиҳам. Ману ту шарик ҳастем, ҳар чиз, ки ман дошта бошам, мисли чизи худ гирифта сарф намоӣ». С. Айнӣ аз рӯи услуби одатиаш дар ҳикоячаҳои «Таҳзиб-ус-сибён», хулосаи ин ҳикояро ҳам худаш баровардааст: «Эй фарзандон! Шумоён ҳам мисли Аҳмадҷон ба шариконатон муомилаи нағз кунед, ба якдигар чизе, ки даркор шавад, диҳед, то ки дар китобҳо номи шуморо «соҳиби марҳамат» гуфта нависанд». Дар ин ҳикоя ҳам С. Айнӣ образи мусбати идеалии баччаи ҳимматбаландеро, ки дар он зебоии инсонӣ таҷассум ёфтааст, ба вуҷуд оварда, вале аз тасвири симои пастҳиммати баччагон сарфи назар накардааст. Вай дар зери сарлавҳаи баччаи ростқавл — ростгор ба баччагони ростқавл характеристика додааст: «Баччаи ростқавл асло дурӯғ намегӯяд. Ба ҳеҷ кас зарар намерасонад. Чизи касро беиҷозат намегирад. Аз мактаб ва аз ҳар ҷой чизе, ки ёбад, ба соҳибаш мерасонад».

Устод Айнӣ дар осори педагогии худ ба тарбияи гуманистии насли наврас таваҷҷуҳи зиёд зоҳир кардааст. Ба қавли нависанда, тарбияи атфол дар рӯҳи инсондӯстиву раҳму шафқат ба муҳтоҷону дармондагон ин тарбияи камолоти инсонӣ мебошад. “Одами боақл, -ба қавли Айнӣ, -ба ҷамъи мардум, ҳатто ба ҳайвонҳо, некӣ мекунад. Ҳеҷ касро озор намедиҳад, ба мардум зарар ва заҳмат намерасонад. Ба ҳоли бева ва бечора дилаш месӯзад, ба онҳо тараҳҳум мекунад. Ба қадри имкон некӣ мерасонад”.

Ақидаҳои омӯзгории С. Айнӣ дар масъалаи тарбияи гуманистии насли наврас пайваста инкишоф ва такмил меёбад. Дар китоби қироатии “Духтарбача ё ки Холида” тарбия муаллима Холидаро дар рӯҳи муҳаббат парваридан ба волидайну ҳамсолон  таъкид ёфтааст. Рӯзе духтарчаи ҳамсоя Қундуз ба об ғарқ мешавад, “дар ин ҳол Холида... худро ба ҳавз ҳаво дода, Қундузро бардошта аз об баровард ва ҳамроҳи холааш як –ду соат ба Қундуз нигоҳубин намуда, ӯро аз ҳолати марг наҷот доданд” (3, 34).

Андешаҳои устод Айнӣ оид ба тарбияи инсондӯстӣ ба мулоҳизаҳояш оид ба тарбияи ватандӯстӣ пайваст мебошанд. Аз осори то давраи инқилоби Октябр навиштаи устод маълум мешавад, ки ӯро ноободии Ватан, дар торикию нодонӣ мондани сокинони аморати Бухоро дар таҳлука овардааст ва барои аз ин вартаи ҳалокат раҳонидан Бухоро ва сокинони он талош меварзад ва ғояи ободӣ ва рушду нумуи онро дар осори омӯзгориаш низ ба насли наврас талқин мекунад. Дар “Таҳзиб -ус -сибён” модар ба писари хурдиаш, ки дар шаҳри Бухоро мехонд, мактуб навишта, аз ҷумла мегӯяд: “Нури дидаи ман, аз ту танҳо як хоҳиш дорам, ки ин аст: дар роҳи хондан саъй кун, ғайрат кун! Одам шав! Баъд аз он ба қадре, ки метавонӣ, дар ватан ва аҳли ватани

худ ва ҳам миллати худ хидмат намоӣ! Ба ман ҳамин шараф бас аст, ки ходими донишманди миллат ёдгор гузорам"(3, 34).

Устод Айнӣ ба тарбияи меҳнатӣ низ назари бас фарох дорад. Нависанда, чӣ тавре ки дар китобҳои дарсиаш –"Таҳзиб –ус -сибён" ва "Духтарбача ё ки Холида" таъкид кардааст, оғози ин навъи тарбияро аз даврони кӯдакӣ дар муҳити оила медонад. Муҳаммадфарид, хоҳаронаш Зайнаб, Холида ҳамеша ба кори хона ёрӣ мерасонанд. Худи Садриддин (аз "Ёддоштҳо") дар шустагарӣ, хӯрокпазӣ, дӯхтудӯз ва рӯбучин таҷрибаи зиёд андӯхта буд ва дар солҳои аввали мадрасахониаш тавассути ин амалҳо рӯзгор мебурд: "Ман (Садриддин –К. А.) барои чор кас... нимнимча (250 грамм) гӯшту сабзиву пиёзу дорувор оварда чор пиёла биринҷро палав пухта, дар соати як тайёр мекардам... Баъд аз хӯрда шудани ош ман дегу табақро шуста меғундоштам, барои рӯзи дигар ҳезум кафонда тайёр карда меммондам ва ҳуҷраро рӯфта дода, ба ҳуҷраи акаам мерафтам" (7, 216).

Ҳамин тариқ, андешаҳои Садриддин Айнӣ дар натиҷаи андӯхтани таҷрибаи зиёд ҳангоми таҳсил дар мактабу мадрасаҳои Бухорои амирӣ ва фаъолияти омӯзгорӣ дар мактабҳои муосир ташаккул ва такомул ёфта, боиси боз ҳам ғанию пурмазмун шудани таҷрибаи таълимии омӯзгорон гардид ва барои тарбияи мукаммали ҷавонон хидмат намуд ва мекунад. Воқеан, С. Айнӣ аз чеҳраҳои барҷастаи илму адаб ва фарҳанги тоҷику ӯзбек буда, асарҳои мондагори ӯ фарзанди инсониятро қарнҳои зиёд тарбият менамояд.

## АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА


1. Айнӣ Садриддин. Намунаи адабиёти тоҷик, чопи дуюм. – Душанбе: Адиб, соли 2010. - 440с.
2. Айнӣ Садриддин. «Куллиёт» , ҷилди 9. - Душанбе, 1969.- 790с.
3. Айнӣ Садриддин. Таҳзиб-ус-сибён. Душанбе: Маориф, 1994.- 49 саҳ.
4. Айнӣ С. Камоли Хуҷандӣ//Садои Шарқ, №5, 1957
5. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ. –Душанбе: Дониш, 1989.
6. А. Сайфуллоев , Романи устод Садриддин Айнӣ- «Дохунда». - Душанбе, 1966. – 304 саҳ.
7. Каримов, Усмон. Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асли XIX. – Душанбе: Дониш, 1974.
8. Маъсумӣ, Носирҷон. Адабиёти тоҷик дар асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX. – Душанбе, 1962.
9. Шакурӣ Муҳаммадҷон. Садриддин Айнӣ равшангари таърих. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2001.